**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

Гуфтан ба маврид аст, ки рисолаи номзадии Қосимзода Лутфия Шералӣ ба яке аз марҳилаҳои муҳим ва ҳассоси таърихи Тоҷикистони Шуравӣ – таҷрибаи таърихии ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи муҳимми камомӯхташуда - таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагиҳои роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳқиқ намудани таърихи сохтмони роҳҳои нақлиётии ҷумҳурӣ ва мавзеъҳои кишвар яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки омӯзиши таърихи оғози сохтмони роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои бистум ва ҳаштодуми асри бист яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад ва таҳқиқоти ин мавзуъ ҷанбаҳои илмӣ ва таълимӣ доранд.

Муаллиф бори аввал оиди таҳқиқ ва таҳлили масъалаи муҳимми камомӯхташуда - таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагиҳои роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ бурдааст.

Бинобар ин диссертасияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» як пажӯҳиши илмии арзишманд аст. Ин мавзуъ дар таърихнигории ватанӣ усулан камомӯхташуда мебошад. Муаллиф муҳим будани мавзуи мавриди таҳқиқро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши онро муайян сохта, ҳадаф ва вазифи таҳқиқотро возеҳ баён намуда, ҳамчунин ба андозаи

Сканировано с CamScanner

зарурӣ навовариҳоро мушаххас намуда, аҳаммияти назарӣ ва илмии рисоларо ошкор намудааст.

Сохтори рисола, мантиқан ба танзим даровардани матолиб, усули таҳлил ва баёни маводи бадастомада аз сарчашмаи бойгонӣ ба талаботе, ки барои сазовор шудан ба унвони номзади илми таърих муайян шудааст, ҷавобгӯй мебошанд.

Муаллифи рисола дар натиҷаи баррасиҳои қиёсӣ мубрам будани мавзуъро дар он муайян кардааст, ки нақши бойгонӣ ва адабиёти илмӣ маълумотҳои нави бадастоварда аз мушоҳидоти шахсии муаллиф маншаи асосӣ мегиранд.

Баръало малум мегардад, ки ҳалли муваффақиятомези вазифаи гузоштташуда дар назди муаллиф то ҳадди зиёде бо истифодаи моҳиронаи муҳаққиқ аз усулҳои таҳқиқи умумӣ ва хос ба даст омадааст, ки аз ҷумлаи онҳо таҳлили маҷмуӣ, таҳлилӣ-сохторӣ ва татбиқӣ-муқоисавӣ ба ҳисоб меравaнд.

Муаллифи рисола ба ҳадафи таҳқиқот аз тариқи таҳлил исбот кардааст, ки имрӯз таърихи кишвар дар маҷмуъ омӯхта шавад ва ҳамчун манбаи таҳқиқ қарор гирад.

Кори дақиқ бо манобеи сарчашмавӣ ва натиҷагириҳои маҷмуии илмӣ, ки дар тамоми бахшҳои рисолаи илмӣ мушоҳида мешавад, ба мо ин имконро медиҳад, то хулоса кунем, ки ҳадаф ва вазифи таъйиншуда дар рисола ҳалли худро ёфтаанд.

Хидмати арзишманди муаллифи рисола боз дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ илова ба омӯзиши сарчашмаҳо, инчунин асарҳое, ки таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагиҳои роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва маълумоти муҳим доранд, дохил намудааст.

Арзиши таҳқиқот, ба назари мо, дар он зоҳир мешавад, ки дар илми таърих як таҳқиқоти мустақил ва ҷомеъ анҷом ёфтааст.

Сканировано с CamScanner

Автореферат матолиби рисоларо пурра инъикос намуда, корҳои мунташиршуда нишондиҳандаи ҷанбаҳои аслии таҳқиқот ба ҳисоб меравbooked.

Хулоса, диссертатсияи диссертасияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии
факултети таърихи ДМТ — Ёрмуҳаммадов А.

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент
А. Ёрмуҳаммадовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17,
http: // www. tnu.tj

Сканировано с CamScanner

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзӯи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). Бохтар, 2026.

Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Тоҷикистон дар давраи ҳокимияти Шуравӣ, ба хусус равандҳои барқарорсозӣ ва навсозии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҳар ҷиҳат барои халқи тоҷик аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Яке аз соҳаҳое, ки бевосита ба рушди иқтисодиёт ва беҳбуди зиндагии мардум алоқаманд аст, соҳаи сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард мебошад. Аз ин нуқтаи назар, мавриди пажуҳиши амиқи илмӣ қарор додани таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи муҳимми Қӯрғонтеппа, ки яке аз марказҳои асосии кишоварзӣ ва иқтисодии кишвар ба шумор мерафт, ба нафъи давлату миллат мебошад. Аз ин лиҳоз, рисолаи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзӯи мазкур аз зумраи чунин таҳқиқотҳои саривақтӣ ва зарурӣ ба шумор меравад.

Дар автореферат мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисос, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дуруст ва мушаххас нишон дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи таҳқиқотӣ – таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳо дар сатҳи минтақавии Қӯрғонтеппа дар тӯли солҳои 1924-1990 – дар таърихнигории ватанӣ то ҳанӯз ҳамчун таҳқиқоти мустақил ва ҳамаҷониба мавриди пажуҳиш қарор нагирифта буд. Бо назардошти ин, мақсади асосии таҳқиқоти муаллифи диссертатсия аз он иборат аст, ки таҳаввулоти соҳаи роҳсозӣ дар яке аз минтақаҳои калидии ҷумҳурӣ, мушкилот ва дастовардҳои он дар давраҳои гуногуни сиёсӣ ва иқтисодӣ аз назари илмӣ муайян карда шавад. Зимни таҳқиқот воқеан муаллиф тавонистааст, ки мавзуи мазкурро дар асоси манбаъҳои муътамади таърихӣ, аз ҷумла маводҳои бойгонии бориз аввал ба гардиши илмӣ воридшуда, омӯзад ва ба мақсади дар пешгузошта бирасад.

Ҳамзамон бояд ба инобат гирифт, ки муаллифи диссертатсия Қосимзода Л. Ш. дурустии инъикоси воқеаҳоро бо манбаъҳои хаттӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва ёддоштҳои роҳсозони собиқадор муқоиса ва таҳлил намуда, хулосаҳои асосноки илмӣ баровардааст.

Се боби диссертатсия дар автореферат дуруст таҳлил ва ифода ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия «Хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 20 – 40-уми асри XX» ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар минтақа (солҳои 1920-1929), шароитҳои сохтмони роҳ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ (солҳои 1930-1939) ва ташаккул ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 40-уми асри XX, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарорсозии баъдиҷангиро дар бар мегиранд, баррасӣ шудааст. Дар ин боб муаллиф нишон медиҳад, ки дар шароити нобудии роҳҳо дар давраи аввали ҳокимияти Шуравӣ, чӣ гуна

заминаҳои аввалини сохтмони роҳҳои хокӣ ва сангпӯш гузошта шуданд.

Боби дуюм, ки «Модернизатсияи хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 50-70-уми асри ХХ» унвон дорад, аслан масъалаҳои тараққии интенсивии роҳсозӣ дар солҳои 1950-1964 ва беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ дар солҳои 1965-1979 баррасӣ шудааст. Дар ин боб таҳлили раванди ворид намудани техникаи нав, ташкили стансияҳои мошинӣ-роҳсозӣ, тайёр намудани кадрҳои маҳаллӣ ва саҳми мутахассисони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар рушди соҳа ба хубӣ инъикос ёфтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Аҳаммияти таърихии сохтмони роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон» ном дошта, ба ду зербоб ҷудо шудааст. Дар ин боб масъалаҳои механиконидани хоҷагӣ ва вусъат додани алоқаи роҳ дар солҳои 1980-1990, инчунин аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии азнавсозии роҳҳои нав дар минтақа таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки то охири давраи Шуравӣ, минтақаи Қӯрғонтеппа соҳиби шабакаи назарраси роҳҳои асфалтпӯш гардид, ки ин ба рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёт ва беҳбуди зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати бахри дар оянда давом додани омӯзиши ин соҳа ва истифодаи таҷрибаи таърихӣ дар ислоҳоти муосири роҳсозии кишвар оварда шудаанд.

Автореферат, ки аслан бо забони тоҷикӣ навишта шудааст, тарҷумаи он ба забони русӣ низ аз ҷиҳати илмӣ дуруст ва пурра мебошад.

Дар маҷмуъ, ба автореферати диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзӯи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон

(солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳама меъёрҳои муқарраршудаи илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

**Тақриздиҳанда: сарходими илмии**
**Шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои**
**Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И.**

Имзои Қурбонова Ш.И.-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони кадри ИОМДОА-и АМИТ Игамова У.Я.



Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
(+992 37) 221 05 72
Email: rustamhaydarov.tjk@gmail.com
Сомона: https://www.osiyoavrupo.tj/tg

"22" апрели соли 2026

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

Рисолаи диссертатсионии Қосимзода Л.Ш. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихи сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990) бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) комилан мувофиқат мекунад.

Мавзуи рисолаи номзадии Қосимзода Л.Ш. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Таърихи сохтмони роҳҳо дар ҳама давру замон яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки барои пешравии ҷомеа нақши аввалиндараҷа мебозад.

Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки муҳиммият ва мубрамияти омӯзиши раванди тараққиёти сохтмони роҳҳо аз дидгоҳи минтақавӣ пеш аз ҳама, аз аҳамияти таърихии он равандҳое доро мебошад, ки имрӯз дар ҷомеаи мо, бахусус дар соҳаи роҳсозӣ ҷараён доранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муаллиф дуруст ҷамъбаст кардааст, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус, маводи лексионӣ оид ба таърихи навтарини халқи тоҷик ва таърихи сохтмони роҳсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Маводе, ки дар рисола ғунҷонида шудаанд, ҳангоми таҳияи монографияҳо, нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба таърихи Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва алалхусус таърихи сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа зарурӣ мегарданд.

Аҳаммияти илмӣ-таърихнигории таҷрибаи таърихии масъала боз дар татбиқи стратегияи иқтисодии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар замони муосир, барои таъмир ва сохтмони роҳҳои наклиётгард дар асоси комёбиҳои илму техникаи ҳозира фаъолона пеш бурдан зоҳир мегардад.

Муҳиммияти масъалаи таҳқиқшаванда инчунин дар он мушоҳида мегардад, ки сохтмони ва таъмири роҳҳо дар давраи таҳқиқшаванда барои афзоиши тавоноии иқтисодии яке аз манотиқи мамлакат шароит муҳайё намуд. Бояд гуфт, ки бо дарки зарурат дар мавзеи минтақа роҳҳои нав сохта шуданд ва бо вуҷуди он ки таҷрибаи роҳсозӣ надоштанд, ба сохтмони роҳҳо пардохтанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки таҷрибаи таъмири роҳҳо ва рушди хоҷагиҳои роҳҳои минтақа шомили мавориди гуногуни мусбӣ буда, таҷрибаи таърихии он метавонад ҳангоми пеш омадани зарурат мавриди истифода қарор гирад. Омӯхтани таҷрибаи таъмири роҳҳо ва рушди хоҷагиҳои роҳҳои минтақа дорои аҳаммияти илмӣ ва назариявӣ-таҷрибавӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки арзи вуҷуд намудани роҳҳо муносибатҳои иқтисодиро бо ноҳияҳои дохиливу берунии кишвар пайваст мекард. Ва вуҷуд доштани роҳҳои хуб ин нишонаи сатҳи инкишофи ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, вазъи муносибатҳои берунаро беҳтар менамояд.

Масоили таъмир ва сохтмони роҳҳо, инчунин рушди хоҷагиҳои роҳи минтақаи Қӯрғонтеппа дар Иттиҳоди Шуравӣ шомили масоили беҳтар кардани роҳҳои минтақа буда, дар пай ҳадафҳои мухталиф дошт.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқоти Қосимзода Л.Ш. ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи

автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқоти Қосимзода Л.Ш. ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси**
**6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ,**
**мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими**
**таърихи “Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ”** **Холмуродзода Меҳрафрӯз Бурӣ**

Имзои **Холмуродзода М. Б.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.


**Суроғаи муассиса:** 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел: (+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj,

«28» 01 соли 2026